Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Тақризи**
**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи «Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст:**

Диссертатсияи Мамадҷонова М.Д. дар мавзуи «Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» кори илмии мустақилона ва анҷомёфта мебошад, ки бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия:**

Дар ҷаҳони муосир, ки равандҳои глобализатсионӣ таъсири амиқ доранд, хавфу таҳдидҳо ба ҷомеаҳои миллӣ шиддат гирифтааст. Рақобати Ғарб ва Шарқ, муборизаи геополитикии абарқудратҳои ҷаҳон ва масъалаҳои дигари байналмилалӣ зарурати ҳифзи арзишҳои миллиро пеш овардааст. Аксари мутахассисон бар он ақидаанд, ки ин мубориза ҳамзамон муборизаи арзишҳо маҳсуб меёбад.

Албатта, дар ин шароит оила ҳамчун ниҳоди ҷомеа ва ташкилаи ибтидоии он дар ҳифзу такрористеҳсол ва таҳмили арзишҳо нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, омӯхтани ин мавзуъ дар як вақт ҳам зарурати илмӣ ва ҳам амалӣ дорад. Бинобар ин, мавзуи интихобнамудаи диссертант ва таҳқиқи он аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ дар шароити муосир мубрам арзёбӣ мегардад.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионии Мамадҷонова М.Д. ин «муайянсозии нақши ниҳоди оила дар ташаккул ва рушди арзишҳои

ичтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ, аз ҷумла фарҳанги оиладорӣ дар даврони муосир ва таҳти таъсири раванди ҷаҳонишавӣ» (дисс., с.9) ба шумор меравад. Ин мақсад ҳалли як идда вазифаҳоро пеш меорад, ки дар муқаддимаи диссертатсия дар 7 банд оварда шуда, муҳимтарини онҳо муайян сохтани мафҳум, моҳияти ниҳоди оила ва накши он дар ҷомеа, таҳқиқи таърихи инкишофи институти никоҳ ва оила дар заминаи равиши иҷтимоӣ-фалсафӣ; равшан сохтани моҳияти арзишҳои иҷтимоӣ, оилавӣ ва муносибатҳои оилавӣ ҳамчун микроҷамъият; муайян кардани мавқеи ниҳоди оила дар бунёд, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ ва рушди арзишҳои иҷтимоӣ; ошкор сохтани хусусиятҳои ниҳоди оилаи муосири тоҷикистонӣ, таъсири мутақобилаи дигаргуниҳое, ки дар оилаи муосири тоҷикистонӣ ба амал меоянд ва намудҳои девиантӣ, ки дар ҷомеаи муосири тоҷик мушоҳида мешаванд; омӯхтани таъсири муносибатҳои нави иқтисодӣ, тамоюлҳои демографӣ ба моҳияту сохтори муносибатҳои оилавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир ва дурнамои рушди оила дар он; муайян намудани арзишҳои нави иҷтимоӣ, оилавӣ ва шаклҳои ҳозиразамони ташкили оила ва никоҳ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ва муносибатҳои ахлоқии издивоҷи ҷавонон, муносибати онҳо ба арзишҳои оилавӣ; омӯзиши майлони арзишӣ, нишондодҳои меъёрӣ ва намунавии наврасону ҷавонон нисбат ба никоҳ ва бунёд сохтани оила ва ғайра ба шумор мераванд.

Барои дастёбӣ ба мақсад ва ҳалли бомуваффақияти вазифаҳо диссертатсия аз муқаддима, ду боб бо шаш зербоб, хулоса ва феҳрасти адабиёт мураттаб шуда, 192 саҳифаи чопи компютериро фаро гирифтааст. Ҳамчунин, қайд кардан зарур аст, ки таҳқиқу баррасии илмӣ аз ҷониби диссертант бо роҳи интихоби дурусти методҳои таҳқиқоти илмӣ сурат гирифта, ба сифатнокии кори анҷомдодашуда мусоидат кардааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Дар диссертатсия 5 навгонӣ ва 7 нуктаҳои илмӣ мавриди дифоъ қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, ба мазмуни навгонии натиҷаҳои бадастомада марбут донист мешавад: фаҳмиши ниҳоди оила ҳамчун яке аз навъҳои танзими самарабахши иҷтимоӣ, нишондиҳандаи устуворӣ ва пойдории низоми муносибатҳои муосири иҷтимоӣ, асоси ягонагии иҷтимоии ҷомеа; маълум шудани хусусияти дугонаи танзими иҷтимоии оила – институтсионалӣ ва ғайриинститутсионалӣ, ки вобаста ба ин иерархияи арзишҳои оилавӣ ва арзишҳои худи оила ва ҷомеа ба вуҷуд меояд; хусусиятҳои дигаргуншавии оила ҳамчун арзиши иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ муайян карда шудааст, ки дар натиҷаи

алоқамандӣ бо тафаккури суннатӣ, хусусияти зиддиятноки арзишҳои нав, ки мазмуни онҳо ҳамчун маҳсули эклектикии номутобиқатии дохилии тамоюлҳои барқароркунӣ, навсозӣ ва устувории оила дар шароити ҷаҳоншавии олам ташаккул меёбад, ба вуҷуд меоянд; кӯшиш карда шудааст, ки заминаҳо ва омилҳое, ки садди роҳи рушди ниҳоди оила дар Тоҷикистон мегарданд, мавриди таҳқиқ қарор дода, таъсири манфии онҳо ба сохтори иҷтимоии ҷомеа арзёбӣ шавад; дурнамо, хатару таҳдидҳои мавҷуда ба ниҳоди оила ва роҳҳои маҳдуд намудани онҳо дар шароити Тоҷикистони муосир аз нигоҳи илмӣ муайян карда шудаанд.

Инчунин 7 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки дар муқаддимаи кори илмӣ оварда шудаанд (ниг.: дисс., с.11-13) ва мо аз такроран овардани он дар тақриз худдорӣ менамоем. Ин нуктаҳои зикршуда дар бобҳои диссертатсияи мазкур мавриди асосноккунӣ қарор дода шудаанд.

Муаллиф кӯшиш кардааст, ки мантиқи рушди муносибатҳои ниҳоди оила ва оиладориро омӯхта, таҳаввули ин муносибатҳои оилавиро дар давоми даҳсолаҳои охир таҳлил намуда, нақши ниҳоди оиларо дар раванди инкишофи ҷомеаи солим нишон диҳад.

Аз назари мо, дар маҷмуъ тозаэҷодӣ ба муаллиф имкон додааст, ки як таҳқиқи илмии ҷамъбастӣ бо навгониҳои илмиро дар робита ба омӯзиши нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ пешниҳод намояд. Навгонӣ ва нуктаҳои илмии зикршуда дар зербобҳои мушаххаси диссертатсия ба таври эътимодбахш асоснок карда шудаанд.

**Асосанокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Муқаддимаи диссертатсия шомили масоили марбут ба мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии диссертатсия ва навгониҳои он, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ, нукоти асосии кор, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, татбиқи натиҷаҳои диссертатсия ва амсоли он мебошад.

Боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи иҷтимоӣ-фалсафии ниҳоди оила ва арзишҳои иҷтимоӣ» – аз се зербоб иборат буда, таҳқиқи чунин масъалаҳоро дар бар гирифтааст: муайян кардани мафҳум, моҳият ва нақши ниҳоди оила дар марҳилаҳои гузаштаи таърих ва дар ҷомеаи муосир; мақоми арзишҳои иҷтимоӣ, оилавӣ ва таъсири онҳо ба асосҳои аксиологии рушди ҷомеаи муосир; арзёбии мавқеи ниҳоди оила дар бунёд, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ ва рушди арзишҳои иҷтимоии ҷомеа.

Дар боби мазкури диссертатсия муаллиф тасаввуроту ақидаҳои мутафаккирони гузаштаю муосирро доир ба масъалаи матраҳшаванда

таҳлил намудааст. Дар асоси таҳлили таърифҳои гуногуни оила диссертант нишон медиҳад, ки олимон дар мушаххассозии мафҳуми «оила» асосан ба унсурҳо ва хусусиятҳои ин ниҳод таваҷҷуҳ кардаанд. Дар асоси таҳлили унсурҳои асосии ин ниҳод, фаҳмиши муалифии мафҳуми «оила» аз ҷониби диссертант ба таври зерин дода шудааст: «оила гурӯҳи одамон ва ниҳоди иҷтимоӣ аст, ки дар асоси никоҳ ва алоқаҳои хешутаборӣ, ба таври озоду ихтиёрӣ ташкил шуда, баробарҳуқуқии аъзои худро нигоҳ медорад, хоҷагидории умумиро ба роҳ мемонад, муҳимтарин ҷузъи ҷамъияту давлат мебошад ва таҳти ҳимояти онҳо қарор дошта, аъзои худро тарбия мекунад ва арзишҳоро аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳад» (дисс., с.47).

Муаллифи диссертатсия муътақид аст, ки раванди рушди ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ бо арзёбии муносиби системаи арзишҳо алоқаманд аст. Арзишҳои оилавӣ аз арзишҳои иҷтимоӣ сарчашма гирифта, ба он тавлид ва тарбияи фарзандон, эҳтироми волидайн, ташкили ҳаёти оилавӣ, интиқоли таҷриба, донишу малака, анъанаҳо, фазои ахлоқии оила, тартибот, муошират, истироҳати оилавӣ ва ғайра дохил мешаванд. Қайд карда мешавад, ки арзишҳои иҷтимоӣ ва оилавӣ, дар қатори дигар арзишҳои мавҷуда ва ташаккулёбанда, ба асосҳои аксиологии рушди ҷомеаи муосир таъсир мерасонанд.

Оила метавонад дар тинати фард як қатор сифатҳои арзишии хусусияти иҷтимоӣ доштаро парвариш кунад. Ҳаминро ба назар гирифта, диссертант иброз мекунад, ки яке аз вазифаи муҳимтарини оила ин ҳифзи арзишҳои оилавӣ ва такрористеҳсолкунии онҳо барои наслҳои оянда мебошад, аз ҷумла таъмини ҳаёти шоиста, солимии аъзои оила, эҳтироми озодӣ ва шаъну шарафи ҳар як узви оила ва арзишҳои дигари умумибашарӣ ва ҷамъиятӣ.

Сохтори боби дуюми диссертатсия – «Тағйирёбии вазифаҳои ташаккул ва нигоҳдории арзишҳои иҷтимоӣ дар оилаи муосири тоҷикистонӣ» – се зербобро дар бар гирифтааст. Дар боби мазкур муаллиф тасмим гирифтааст, ки масъалаҳои марбут ба вазъи ниҳоди оилаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир, таъсири муносибатҳои нави иқтисодӣ ба моҳият ва сохтори муносибатҳои оилавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир, инчунин арзишҳои нави иҷтимоӣ, оилавӣ ва шаклҳои ҳозиразамони ташкили оила ва никоҳ дар ҷомеаи тоҷикистониро матраҳ намояд. Дар ин самти кораш муҳаққиқ ба натиҷаи таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва хулосаҳои мутахассисони соҳа такя намуда, нигоҳи худро доир ба ин масъалаҳо асоснок кардааст.

Дар маҷмуъ, дар матни диссертатсия андешаҳои солим, асоснок ва илмии муҳаққиқ Мамадҷонова М.Д. эҳсос мешаванд, зеро мавзуи

мазкур, ки дар заминаи таҳлили маводи зиёди илмӣ ва амалӣ сурат гирифтааст, доираи дониши фарох ва андешаи амиқро инъикос мекунад.

Эътимоднокӣ ва боварибахш будани натиҷаҳои илмии бадастомада дар заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди манбаъҳои илмӣ, истифода аз маҷмуи методҳои умумиилмӣ ва соҳавӣ ва далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда муайян мегардад

Хулосаи диссертатсия аз 12 банд иборат буда, натиҷаҳои асосии кори илмиро инъикос менамояд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот баъди хулосаи кор дар 9 банд оварда мешавад, ки мантиқианд.

Дар маҷмуъ аз матни диссертатсия равшан маълум мегардад, ки мақсаду вазифаҳои дар назди диссертант гузоштташуда асосан иҷро шудаанд. Сатҳу сифати илмии кори пешнҳодшуда дар он зоҳир мегардад, ки перомуни масоили дар бобҳо матраҳшуда назару андешаҳои пешқадами донишмандони соҳа ба эътибор гирифта мешавад ва доир ба онҳо мулоҳизаи муаллифи диссертатсия баён мегардад. Баҳс бо олимони соҳа бо риояи одоби илмӣ сурат гирифта, зимни эътирофи назари онҳо мулоҳизаҳои танқидии муаллиф баён шудаанд. Доштани фикри мустақили муаллифи диссертатсия дар ҳалли масъалаҳои мавриди таҳқиқ дар ҳар бобу зербоби кор мушоҳида мегардад.

**Бо вуҷуди ҳамаи ин муваффақиятҳо, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе ҳолатҳои баҳсноку ҳалталаб мавҷуд аст.**

1. Дар диссертатсия ҳолатҳои такрор шудани фикру андешаҳо ба назар мерасад. Масалан, таҳқиқу баррасиии мафҳуми «оила» ҳадафи зербоби аввали боби 1-и диссертатсия буда, фаҳмиши муаллифии таърифи оила пешниҳод карда шудааст, вале муаллиф дар оғози зербоби сеюми ҳамин боб такроран ба масъалаи муайян кардани категорияи «оила» ва вазифаҳои он бармегардад, ки аз назари мо, мантиқан зарурат надорад.

2. Дар диссертатсия иброзҳои умумӣ ва фикрҳои нотамоме мавҷуданд, ки ба асоснокқунӣ аз ҷониби муаллиф ниёз доранд. Аз ҷумла, дар саҳифаи 99 муаллиф нигоштааст, ки «ҷомеаи тоҷикистонӣ имрӯз дар ҳолати аномия қарор дорад», ё дар саҳифаи 141 омадааст, ки «…арзишҳои бунёдии оилаи муосири тоҷикистонӣ дар ҳолати таҳдиди назар қарор доранд». Мутаасифона, барои тасдиқи чунин иброзҳояш муаллиф факту далелҳои кофӣ надорад.

3. Диссертатсия ба таҳқиқи масъалаҳои оила ва арзишҳо дар марҳалаи муосир бахшида шудааст, аммо масъалаҳои муқоисаи арзишмандшавӣ дар оилаи тоҷикистонӣ ва кишварҳои Ғарб, тамоюлёбии никоҳҳои ҳамҷинсон, ки дар якчанд кишварҳо ба ҳукми

қонун даровarда шудааст ва ҳатто ба дигар ҷомеаҳои миллӣ тарғиб карда мешавад, хилофи арзишҳои анъанавӣ аст, таҳлил карда нашудааст. Аз нигоҳи мо, ин масъала ба мавзуи диссертатсия мустақиман дахл дорад, зеро интихоби модели оила ва оиладорӣ на фақат масъалаи демографӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ, балки масъалаи интихоби арзишҳо низ мебошад.

4. Дар диссертатсия масъалаи татбиқи идеологияи либерализми иқтисодӣ дар ҷомеаҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар ҷомеаи тоҷикистонӣ, матраҳ шудааст, ки асосан хусусияти тафсирӣ гирифтааст. Мувофиқи матлаб мебуд, агар муаллиф масъалаи мазкурро аз нигоҳи афзалияти принсипҳои индивидуалистӣ (фардгароёна) ва коллективистӣ (дастҷамъона) дар тарзи ҳаёти ин ҷомеаҳо шарҳ медод.

5. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ҷой доранд, ки шояд дар натиҷаи зикри нодурусти иқтибоси русӣ ба вуҷуд омадаанд.

Аз назари мо, ин камбудиҳои ҷузъӣ арзиши илмии диссертатсияи Мамадҷоноваро доир ба таҳқиқи мавзуи матраҳшаванда халалдор карда наметавонанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Арзиши назариявии диссертатсия аз он иборат аст, ки мавод ва хулосаҳои умумии он фаҳмиши навро оид ба дарки ниҳоди оила ва нақши он дар ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ дода, натиҷаҳои ба дастомадаи таҳлилӣ барои бунёд ва рушди ғояҳои илмӣ-назариявии ниҳоди оила ва дар ин замина таҳкими пояҳои давлати миллӣ мусоидат менамоянд. Арзиши амалии диссертатсия дар он аст, ки мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро дар таҳияи консепсияи рушди оила, татбиқи амалии тадбирҳо оид ба таъмини устувории он, омода намудани курси лексияҳо, курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба фанҳои фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиология истифода бурдан имкон дорад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:**

Мамадҷонова М.Д. дар доираи таҳқиқи масъалаи матраҳшаванда 8 мақолаи илмӣ навиштааст. Аз ин миқдор 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, нашр гардидааст. Диссертант дар таҳқиқи мавзуи «Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» ва бозкушоии гиреҳҳои он саҳми арзанда гузоштааст.

Автореферат бо мазмуну муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, мақолоти илмии дар саҳифаҳои маҷаллаҳои дар феҳристи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда мазмуну муҳтавои пажуҳишро комилан инъикос менамоянд. Маводи чопнамудаи муаллиф аҳамияти назариявию амалии кори диссертатсионии пешниҳодшударо таъмин менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи «Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз, хулосаи ҷамъбастӣ:**

Таълифи чунин диссертатсияро барои муҳаққиқ Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дастоварди илмӣ-таҳқиқотӣ мешуморем. Ин таҳқиқот дар байни таҳқиқотҳои фалсафии эътирофшуда ҷойгоҳи хосе дошта метавонад ва муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, дотсент,
сарходими илмии шуъбаи фалсафаи иҷтимоии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Назар М.А.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 918-99-12-71
Почтаи эл.: mumin.nazar.67@mail.ru

Имзои М. А. Назарро тасдиқ менамоям:
и.в.нозири калони кадрҳои ИФСҲ ба номи
А. Баҳоваддинови АМИТ Неъматова П.